Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати мундариҷаи диссертатсия ихтисоси эълоншуда ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Бояд қайд кард, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Диссертатсияи М.Н. Муминзода таҳлили назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ба ҷузъи таърихии ихтисоси эълоншуда комилан мувофиқат мекунад. Тадқиқот марҳилаҳои гуногуни рушди институти уҳдадории ҳарбиро дар бар гирифта, ба пайгирии таҳаввули он, ошкор кардани қонуниятҳо ва тамоюлҳо дар танзими ҳуқуқии ин соҳа имкон медиҳад. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ дар ин замина барои

фаҳмидани ҳолати муосири институти уҳдадории ҳарбӣ ва дурнамои минбаъдаи он зарур аст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дар он ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он, таҳқиқ карда мешавад. Зеро уҳдадории ҳарбӣ яке аз ҷузъҳои калидии сохтори давлатӣ буда, институтест, ки ҳимояи кишварро ҳамчун уҳдадории ҳуқуқии шаҳрвандон мустаҳкам мекунад. Он решаҳои амиқи таърихӣ дошта, бо рушди давлат, ҷомеа ва ҳуқуқ зич алоқаманд мебошад.

Дар шароити муосир, яке аз сабабҳои нигоҳ дошта натавонистани ҳокимият ин надоштани Қувваҳои мусаллаҳи боэътимоду вафодор мебошад. Ташкили Қувваҳои мусаллаҳ, муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва баланд бардоштани вазъи ҳуқуқии онҳо дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, мубрамияти илмиро собит менамояд.

Дар ин замина, қайд кардан лозим аст, ки даъвати ҳарбӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ, мудофиа ва амнияти давлат муқаррар карда шуда, ҳангоми иҷрои он ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои шахсии шаҳрвандони уҳдадор бештар маҳдуд карда мешавад.

Таҳқиқот ба масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадориҳои ҳарбӣ бахшида шудааст ва кушиши муаллиф дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар доираи диссертатсияи худ, ба андешаи мо, имкониятҳои таъмин намудани уҳдадориҳои ҳарбӣ бо дигар уҳдадориҳои шаҳрвандон ва ватандустӣ ва нақши он дар иҷрои уҳдадории ҳарбиро воқеан бештар месозад.

Мубрамияти мавзуъ бо якчанд омилҳои калидии марбут ба мушкилот ва тағйироти муосир дар соҳаи ҳуқуқ ва ҷомеа муайян карда мешавад.

1. Сиёсати муосири ҷаҳонӣ бо афзоиши мураккабии низоъҳо хос

аст. Ин дар навбати худ ба низомҳои ҳуқуқӣ вазифаи мутобиқ кардани меъёрҳо ва принсипҳои уҳдадории ҳарбиро ба воқеиятҳои нав мегузорад. Тағйирот дар хусусияти таҳдидҳои ҳарбӣ ва шаклҳои низоъ таҳлили амиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ ва аз нав дида баромадани назарияҳо ва амалияҳои мавҷударо талаб мекунад.

2. Меъёрҳои муосири ҳуқуқӣ дар соҳаи уҳдадории ҳарбӣ дар посух ба тағйирот дар табиати низоъҳо ва амалиёти ҷангӣ таҳаввул меёбанд. Тадқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа имкон медиҳад, ки мушкилот ва камбудиҳо дар меъёрҳои мавҷудаи байналмилалӣ ошкор ва инчунин роҳҳои такмили онҳо пешниҳод карда шаванд.

3. Мураккабии иҷрои уҳдадории ҳарбӣ дар шароити муосир муносибати навро ба тафсири ҳуқуқ талаб мекунад.

4. Таҳлили таърихии институти уҳдадории ҳарбӣ имкон медиҳад, ки тамоюлҳо ва тағйирот дар системаҳои ҳуқуқии давраҳо ва фарҳангҳои гуногун ошкор карда шаванд. Ин дониш барои фаҳмидани он, ки контексти таърихӣ ба мафҳумҳо ва меъерҳои ҳуқуқии муосир чӣ гуна таъсир мерасонад, муҳим аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии дониш, таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ба эҷоди тасвири ҳамаҷонибаи таҳаввулоти меъерҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳо мусоидат мекунад.

Диссертатсия ба пур намудани як қатор холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз, ин таҳқиқоти мазкур дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

**Саҳми илмии унвонҷӯ дар ҳалли мушкилоти илмӣ.** Саҳми илмии диссертант дар муносибати комплексӣ ба таҳқиқи уҳдадории ҳарбӣ, ҳам тавассути призмаи консепсияҳои назариявӣ ва ҳам бо назардошти заминаи таърихии рушди ин институт мебошад. Муминзода М.Н. бо пешниҳоду тафсири аслии асосҳои назариявии уҳдадории ҳарбӣ ва

таҳлили муқоисавии марҳилаҳои гуногуни таърихии рушди ин институт ва қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҷолиберо ошкор мекунад. Аҳаммияти ин таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф на танҳо назарияҳо ва консепсияҳои мавҷударо тавсиф мекунад, балки равишҳои навро барои фаҳмидан ва татбиқи меъёрҳои масъулияти ҳарбӣ пешниҳод мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктахои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои илмии рисолаи Муминзода М.Н. бо дараҷаи баланди навоварӣ ва аҳаммият фарқ мекунанд. Аз ҷумла:

Ба таъкиди диссертант, дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон уҳдадории ҳарбӣ ҳамчун институт аз инқилоби октябр ё барпо гаштани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз мегардад. Ҳарчанд дар таърихи халқи тоҷик шаклҳои муайяни он аз замони қадим вуҷуд дошта буд, дар замони давлатдории Ғуриён ин уҳдадорӣ ба мисли Фаронса пас аз инқилоби бузург, ба уҳдадории ҳатмии мардон муайян гашта буд (саҳ. 51).

Ҳамчунин, диссертант дуруст қайд менамояд, ки яке аз сабабҳои пошхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ надоштани базаи мустаҳками тарбиявӣ, идеологӣ ва аз ҳама муҳим, набудани ҳисси баланди ватандӯстӣ будааст. Аз ин рӯ, ватандӯстӣ аз хоҳиши объективии ҷомеа ва ҳар як шахс ба субот ва дарки амнияти худ зуҳур менамояд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Диссертант барои расидан ба мақсадҳои илмии худ дар ҳалли вазифаҳои зерин муваффақ гаштааст:

– омӯхтани моҳияти ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ;

– шарҳи мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ;

– муайян намудани сабаб ва омилҳои бавуҷудоии институти уҳдадории ҳарбӣ;

– таҳлили робитаи уҳдадории ҳарбӣ бо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

– муайян намудани хусусиятҳои хизмати умумии ҳарбӣ дар Тоҷикистон;

– таҳлили инкишофи таърихию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ;

– таҳлили асосҳои ҳуқуқии амалишавии уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои имконпазири такмили онҳо;

– таҳлили муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ дар кишварҳои гуногун;

– моҳият ва нақши ватандӯстӣ дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти рисоларо ифода месозанд ва сазовори дастгирӣ мебошанд:

1. Таҳқиқот оид ба масъалаи назариявии даъвати ҳарбӣ муҳим аст, зеро он заминаи назариявии таҳия ва ислоҳоти сиёсат ва амалияи сафарбаркунии ҳарбиро ташкил медиҳад. Таҳқиқоти назариявӣ фаҳмиши принсипҳои низоми даъвати ҳарбӣ ва алоқамандии онҳоро ба арзишҳо, ҳуқуқ ва кафолатҳои ҷамъиятӣ фароҳам меорад. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки мушкилот ва низоъҳои эҳтимолии вобаста ба хизмати ҳарбиро пешгӯӣ ва барои ҳалли онҳо усулҳои назариявии асосёфтаро пешниҳод кунем. Чунин таҳқиқот ба таҳияи моделҳои пешқадам ва ахлоқии даъват ба хизмати ҳарбӣ мусоидат мекунад, ки манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсонро ба ҳам мепайвандад.

2. Нишон додани созгории уҳдадории ҳарбии шаҳрванд бо ҳуқуқу озодиҳое, ки барои ӯ дар Конститутсия ва дигар санадҳо пешбинӣ шудааст, таҳлил гардидааст. Ҳарчанд дар уҳдадории ҳарбӣ ба гунае маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои шахс дида шавад ҳам, вале он ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳеҷ таноқузе надорад, зеро дар Конститутсия дар баробари баёни ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд аз уҳдадориҳои ӯ дар

назди ватану миллат низ ёд гаштааст.

Аҳаммияти амалии рисола дар он аст, ки натиҷаҳои тадқиқотро дар таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи уҳдадори ҳарбӣ, инчунин дар раванди таълим оид ба фанҳои марбут ба ҳуқуқ ва давлат истифода бурдан мумкин аст.

Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ҳақиқатнигорона дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузорӣ баррасӣ намудааст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Муминзода М.Н. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои оянда ӯ пешниҳод менамоем.

1. Масъалаҳои марзҳои уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ, алахусус, дар шароити ҷанги муосири гибридӣ ва низоъҳои фаромиллӣ, таносуби уҳдадории ҳарбӣ ва дигар намудҳои уҳдадории инсон ҳуқуқӣ кушода ва таърихи уҳдадори ҳарбӣ дар замони Русияи подшиҳӣ, ки на фақат таърихи Русия, балки ҷузъи муҳими таърихи халқи тоҷикро ташкил медиҳад, омӯзиш, баррасӣ ва муҳокимаи бештареро талаб мекунад.

2. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоию усубӣ ба назар мерасад, аз ҷумла ихтисор намудани калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «ҶТ» на он қадар қобили қабул аст.

3. Масъалаи марзҳои уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ, алалхусус дар шароити ҷанги муосири гибридӣ ва низоъҳои фаромиллӣ омӯзиши маҳсусро тақозо менамояд, ки аз

ҷониби муаллиф омӯхта нашудааст.

4. Таърихи уҳдадори ҳарбӣ дар замони Русияи подшоҳӣ ба таври васеъ инъикос нагардидааст, ки ҷузъи муҳими таърихи халқи тоҷикро ташкил медиҳад.

Албатта, дар вақти дифоъ намудани рисола мехоҳам фикри шахсии муаллифро оид ба масъалаи мазкур шунавам.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмии муаллиф фарқ мекунад ва рисоларо ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳқиқ намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф Нозим ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Мушовири калони Раиси Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшедзода К.Ҷ.

Имзои К.Ҷ. Ҷамшедзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода
«11» сентябри 2024 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734024 ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 42,
тел: (992 37) 221-23-15, (992) 785-00-01-01
E-mail - jkomron11@mail.ru